**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-035 дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсияи Яқубшоев Афруз Хубоншоевич дар мавзӯи "Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991- 2016)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020301 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати профессорон: 1. Ҳотамов Н.Б. (раис) 2. Қобилова Б.Т. (узви ҳайат) 3. Бобомуллоев С.Ғ. (узви ҳайат) бо таҳқиқоти диссертатсионии Яқубшоев Афруз Хубоншоевич шинос шуда, хулосаи зеринро пешниҳод менамоянд.

Диссертатсияи мавсуф зери унвони "Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991- 2016)" ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, таҳқиқоти мустақилона ва комил аст. Ин таҳқиқот ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки нисбат рисолаҳои номзадӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих таъйин шудаанд, мувофиқ мебошад. Таҳқиқи масъалаҳо ва мушкилоти афзалиятҳои таърихии санъати синамо, театр ва мусиқии миллӣ ва нақши онҳо дар пешрафти ҳаёти фарҳангию маънавии ҷомеаи муосири тоҷик дар диссертатсия баррасӣ шудааст.

**Мубрамияти мавзуъ.** Омӯзиш ва таҳқиқи илмии мавзӯи мазкур мубрамияти ба худ хос дорад. Аҳамияти омӯзиши мавзуъ бошад, дар он зоҳир мегардад, ки то имрӯз дар таърихнигории ватанӣ оид ба масъалаи ҳаёти фарҳангии кишвар агарчӣ таҳқиқотҳои зиёди илмӣ анҷом дода шуда бошанд ҳам, вале дар онҳо паҳлуҳои алоҳидаи он таҳқиқ шудааст, бино бар он то ба имрӯз рисолаи муаллиф, ки онҳоро пурра дар бар гирад, вуҷуд надошт ва диссертатсияи мазкур дар ин самт аввалин

кӯшиш мебошад. Инчунин фаъолияти меҳнатӣ ва саҳми аҳли ҳунари мамлакат, эҳё ва густариши фарҳанги миллӣ, ба ҷаҳониён муаррифӣ намудани арзишҳои фарҳангию маърифатии мардуми мамлакат муҳиммияти мавзӯи интихобшудаи таҳқиқро муайян мекунанд. Ғайр аз ин, омӯзиши таҷрибаи фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ, ҳунарпешаю ҳунармандони асил дар шароити бунёди давлати миллӣ ва соҳибихтиёр метавонад дар муайян намудани роҳҳо ва усулҳои самарабахши этикию эстетикии мардум, истифодаи усулҳои замонавию навоварӣ дар соҳаҳои таҳқиқшаванда, таъсири танзими давлатӣ ба соҳаҳои алоҳидаи фарҳанг хизмат намояд.

Аз ин рӯ, таҳқиқи мавзӯи мазкур барои истифодабарӣ аз таҷрибаи таърихӣ дар интихобп роҳи дурусти рушд, рафъи бухрон дар бахши хоҷагии халқи кишвар ва дар самти баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии наели имрӯза ва оянда бениҳоят зарур аст.

Диссертатсияи Ядубшоев Афруз Хубоншоевич дар мавзӯи “Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (с. 1991- 2016)” аз муқаддима, се боб, хулоса ва руйхати адабиёт иборат буда, сохтори он бо ҳадафи аслӣ ва вазифаҳои муайяншуда дар диссертатсия мувофиқ буда, нишондиҳандаи мантиқии раванди таҳқиқ мебошад.

Навоварии таҳқиқоти мазкур аз он иборат аст, ки дар таърихнигории ватанӣ масъалаи вазъи санъати саҳнавӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол бо ҷалби доираи васеи адабиёту сарчашмаҳои муътамад таҳқиқ шудааст. Ба воқеаҳо ва далелҳои марбут ба ҳолат ва вазъи рушди санъати театр, синамо ва мусиқии Тоҷикистон дар замони истиқлолият баҳои воқеӣ дода мешавад. Натиҷаҳои таҳқиқро метавон ҳангоми навиштани таърихи навтарини Тоҷикистон ва дар раванди таълими таърихи халқи тоҷик ва таърихнигории таърихи халқи тоҷик истифода кард.

Ба андешаи мо рисолаи номзадии Яқубшоев Афруз Хубоншоевич дар мавзӯи "Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (с. 1991- 2016)" мубрам буда, доираи васеи сарчашмаҳо ва адабиёти илмиро фарогир мебошад.

Хулосаҳо ва натиҷаҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда барои таҳияи курсҳои махсус дар факултетҳои илмҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат муфид мебошанд.

Мазмуни асосии диссертатсия дар 11 мақолаи муаллиф, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои илмие, ки дар феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мебошанд, баён шудааст.

Диссертатсияи Яқубшоев Афруз Хубоншоевич дар мавзӯи "Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (с. 1991- 2016)" аз рӯи натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва сифатӣ хуб ба талаботи муқаррарнамудаи Дастури Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳои номзадӣ мувофиқ буда, муаллифи рисола барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020301 Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) - сазовор аст.

Комиссияи экспертӣ чунин хулоса мекунад, ки диссертатсия мавсуф дар мавзӯи "Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (с. 1991- 2016)" ба ихтисоси 6D020301 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мувофиқ аст.

**Комиссияи экспертӣ вобаста ба масъалаҳои зикршуда чунин қарор мекунад:**

1. Диссертатсияи унвонҷӯ Яқубшоев Афруз Хубоншоевич барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D020301 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) ба ҳимоя тавсия дода шавад.
2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод мегарданд:

1. Набизода Ваҳоб Машраб, д.и.т. професори кафедраи таърихи ватанӣ ва диншиносии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров.

2. Таваров Муҳамадуллоҳ Султонувич, н.и.т. мудири шӯъбаи ахбори нашриёти расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, рӯзномаи “Ҷумҳурият”.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода таъйин карда шавад.

4. Ба нашри автореферат ва диссертатсия ба миқдори 100 нусха иҷозат дода шавад.

5. Барои ҷойгир кардани эълони ҳимояи диссертатсия дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сомонаи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

**доктори илмҳои таърих,**
**профессор** **Ҳотамов Н.Б.**

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

**доктори илмҳои таърих, профессор** **Қобилова Б.Т.**
**доктори илмҳои таърих, профессор** **Бобомуллоев С.Ғ**

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам:**

**Сарнозири шуъбаи кадрҳои**
**Институти таърих, бостоншиносӣ**
**ва мардумшиносии ба номи**
**А. Дониши АМИТ** **Файзуллоева Г.Қ.**

29.01.2024